# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Асоева Гулнора Авғоновна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои ҳуқуқи хусусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

1. Сирри бонкӣ яке аз институтҳои муҳим дар ҳама муносибатҳои ҳуқуқӣ нақши калидӣ дорад. Аз замонҳои қадим масъалаи маҳрамияти маълумот дар бораи молу мулки шахс муҳим арзёбӣ мегардид. Таърихи пайдоиши маҳрамият дар бораи ҳолати молиявию қарзии шахс аз давлатҳои қадима ба монанди Мисри қадим, Вавилон, Юнон ва Рим сарчашма мегирад, ки ба мисли фаъолияти бонкӣ маҳрамияти маълумот дар бораи арзишҳои амонатӣ, додани қарз ва нигоҳдории маҳрамият дар ин хусус барои ба даст овардани боварии муштарӣ истифода мегардид.

Бори нахуст муқаррарот дар хусуси сирри бонкӣ дар соли 1934 дар Қонуни Федералии Швейтсария дар бораи сирри бонкӣ инъикос гардид. Бо қабули қонуни мазкур дар Швейтсария бештари халқиятҳои гирду атрофи дар Аврупо иқоматкунанда кишвар ва давлатеро мехостанд дарёбанд, ки бехатарӣ ва амнияти сармояи онҳоро кафолат медод. Қонунҳои Швейтсария ба кормандони бонк қатъиян ошкор намудани маълумот дар бораи молу мулки мизоҷони бонкро манъ менамуд, ҳатто барои ин амал ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намуд. Маҳз пешбинӣ гардидани муқарраротҳо дар бораи сирри бонкӣ дар қонунгузории кишварҳои ҷаҳон барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи молия ва бонкдорӣ нақш бозида, ба он такони ҷиддӣ бахшид.

Имрӯз дар тамоми дунё низоми бонкӣ асоси иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, он бе мавҷудияти ҳифзи сирри бонкӣ ғайриимкон мебошад.

Ҳамеша шаҳрвандон ба давлате эътимод доранд, ки рушди иқтисодиёти он аз сиёсати дурусти пешгирифта вобаста бошад. Аз ин рӯ, эътимоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба низоми бонкӣ он гоҳ пайдо мегардад, ки маълумот дар бораи онҳо, оид ба вазъи молиявӣ ва доштани амонату қоғазҳои қиматнок ва дигар сангҳову металлҳои қиматбаҳо пурра ҳифз мегардад ва дар як маврид аз ҳолати мазкур амнияти молиявии давлат низ таъмин мегардад. Беҳуда нест, ки давлат дар муқаррароти қонунгузорӣ нақши сирри бонкиро аввалиндарача ҳисобидааст, ки аз сатҳи конститутсия то санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мавқеи онро мустаҳкам намудааст. Таъмин намудани фаъолияти бонкӣ бидуни мавҷудияти сирри бонкӣ ғайриимкон мегардад, зеро ошкор гардидани маълумотҳои дахлдор боиси таъсиррасони ба фаъолияти шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва давлат мегардад ва инчунин боиси сар задани қонунвайронкуниҳо мешавад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки таъмин намудани ҳифзи сирри бонкӣ бо пешбинӣ намудани меъёри дахлдор дар қонунгузорӣ ва ҳамзамон, муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани иттиллоти марбут ба сирри бонкӣ ва бо маҷбуркунии давлатӣ таъмин намудани он зарур ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Дар раванди ҷаҳонишавии бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию рақамӣ, рушд ва тараққиёти хизматрасонии фосилавии бонкӣ, ба вуҷуд омадани ташкилотҳои молиявии техникӣ ва низоми ҳисоббаробаркунии электронӣ ба таври назаррас ҳаҷму ҳудуди муомилоти маълумотҳои марбут ба сирри бонкиро бештар намуд. Пайдоиши мкониятҳои нави технологӣ хафи нави ифшо шудани маълумоти марбут ба сирри бонкӣ, ғайриқонунӣ истифода ва вайрон гардидани сирри бонкиро ба вуҷуд овардааст. Дар ин замина баланд гаридани ҷиноятҳои киберӣ, ҳуҷумҳои хакерӣ, ба бонкҳо, истифодаи фишингҳо ва инженерҳои иҷтимоӣ шакл ва

механизмҳои бештари ҳифзи ҳуқуқии иттилоотро талаб менамояд. Аз як тараф давлат бо мақсади шаффофияти гардиши молиявӣ майл менамояд, ки он ба муқовимат намудан бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва мубориза бо коррупсия алоқаманд аст. Аз ҷониби дигар он нуқта муҳим арзёбӣ мегардад, ки чӣ тавр ҳуқуқи шахсони воқеию ҳуқуқиро ба маҳрамияти сирри бонкӣ вайрон накард.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷу мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷуро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар, 1 монография, 9 мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, Аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷу баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Асоева Гулнора Авғоновна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷу маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Асоева Гулнора Авғоновна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои ҳуқуқи хусусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Мирзозода Парвон Зайналобудин, д.и.ҳ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– Мирзоев Субхонали Ахтамджонович, н.и.ҳ, дотсент, и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюрзода Ш.К.

имзои «Ғаюрзода Ш.К.»-ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода З.Ш.

«20» 04 2026 с.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Н.М.

имзои « Имомзода Н.М.»-ро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.

«20» 04 2026 с.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
муовини директор оид ба илм ва таълими Институти
омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи милли илмҳои Тоҷикистон Сангинзод Д.Ш.

имзои «Сангинзод Д.Ш.»-ро тасдиқ менамоям:
нозири калони кадрии ИОМДОА АМИТ Игамова У.Я.

«20» 04 2026 с.